**_ТАҚРИЗ_**

***ба автореферати диссертатсияи Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич дар мавзуи «Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2024.***

Омӯзиши мавзуи «Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннахр дар асрҳои VIII-X», дар таърихнигории муосири тоҷик воқеан, як падидаи нав ва хеле муҳим буда, аз нигоҳи самтгирии таҳқиқ ба бахшҳои мухталиф тақсим мешавад, ки муаллиф дар натиҷаи таҳқиқ тавонистааст аз уҳдаи ҳаллу фасли масъалаҳои дар наздаш гузошташуда бараояд.

Ба тариқи густурда ба риштаи таҳқиқ кашидани мавзуъ заминаи мусоидеро дар ихтиёри муҳаққиқ гузоштааст. Вай илова ба муқаддима, хулоса, рӯйхати сарчашма ва адабиёт, масъалаҳои калидиро дар чор боб ва даҳ зербоб баррасӣ намуда, натиҷаи ҷустуҷӯ ва пажӯҳишашро бо мундариҷаи илмӣ ҳамоҳанг сохтааст. Аз мутолиаи автореферати диссертатсия ва муқоисаи мазмуну мундариҷаи он равшан мегардад, ки муҳаққиқ аз ҷузъиёти масъала ба хубӣ огоҳ буда, талаботи рисолаи илмӣ-таҳқиқиро холисонаву мунсифона ва ҳодисаҳои таърихиро аз дидгоҳҳои муҳаққиқони соҳибназар нисбат ба воқеоти муҳимми таърихии давраи таҳқиқот хеле хуб баён сохтааст. Диссертант аз шеваҳои таҳлили эмпирикии мазмуну муҳтавои сарчашмаҳои дасти аввал, матни асл ва тарҷума огоҳӣ дошта, назарияи манбаъшиносиро дар такя ба нишондоди сарчашмаҳои таърихӣ амалӣ кардааст.

Омӯзиши автореферати диссертатсия бо сароҳат нишон медиҳад, ки муқаддимаи он мувофиқи талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ навишта шуда, дар ҳар боб ва зербобҳои он маълумоти боэътимоди таърихӣ аз рӯйи меъёрҳои муайяншуда дарҷ ёфтаанд.

Боби аввали рисола таҳти унвони «Сарчашмаҳо ва таърихнигории мавзуи таҳқиқшаванда» аз ду зербоб иборат буда, дар зербоби аввали он дар доираи манбаъҳои асосӣ, осори хаттии таърихӣ ва сарчашмаҳои ҷуғрофии муаррихони асрҳои IX-XIII маълумоти таърихиву ҷуғрофии мустанад манзур гардида, дар асоси онҳо ба баррасии ду масъала – ба эътиқоди пешазисломии тоҷикон ва раванди паҳншавию густариши ойини навинро дар асрҳои минбаъда фаро гирифтааст, ки аз нигоҳи бандубаст ва ҷанбаҳои хронологӣ дақиқу воқеӣ мебошанд.

Диссертант дар зербоби дуюми боби аввал, ки «Таърихнигории масъалаи таҳқиқшаванда» унвон дорад, ба масъалаи таҳқиқ ва таҳлили осори илмии олимону муҳаққиқони муосири тоҷик, таърихнигорони Осиёи Миёнаву Афғонистон, Эрон, кишварҳои араб, Русия, Амрикову Аврупо пардохта, бо истифода аз методҳои навини муқоисавӣ, овардани иқтибосҳо аз фикру ақидаҳои илмии онҳо нақду инкори баъзе аз андешаҳои мавҷуда, натиҷагириҳои мушаххас ва далелноки илмӣ кардааст. Дар ин радиф

андешаҳои муҳаққиқони кишварҳои Ғарб ва Шарқро дар масъалаи истиқрори ислом дар Хуросону Мовароуннаҳр мавриди қиёсу баррасии илмӣ қарор дода, натиҷаҳои хуби илмиро ба даст овардааст.

Боби дуюм – «Инъикоси вазъи умумии Хуросону Мовароуннаҳр дар арафаи забткориҳои араб дар манобеи таърихӣ ва бозтоби он дар осори илмӣ» унвон дошта, аз се зербоб иборат мебошад, ки онро аз нигоҳи мазмуну мундариҷа ва арзишмандӣ шартан боби заминавӣ-меҳварии диссертатсия номидан мумкин аст. Зербоби аввал – «Ҳудудҳои ҷуғрофӣ ва вазъияти сиёсии Хуросону Мовароуннаҳр» дар асоси маълумоти сарчашмаҳои муътабари таърихӣ ва осори илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар баррасии ин масъала диссертант тавонистааст маълумот ва санадҳои бо ҳам зидди сарчашмаҳои асримиёнагии тоҷику арабро бо андешаҳо ва ақидаҳои илмии муаррихони муосири ватаниву хориҷӣ мавриди муқоисаи илмӣ қарор диҳад ва хулосаҳои эътимодбахш пешниҳод созад.

Аз муҳтавои зербоби дуюм – «Вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии Хуросону Мовароуннаҳр дар арафаи ҳамлаи арабҳо» чунин хулоса бармеояд, ки Ғуломов Тоҷиддин омилҳои фурӯпошии шоҳаншоҳии Сосониён, зуҳури ҷунбишҳои динӣ-мазҳабӣ, қудратталабӣ, тафриқаҳои табақотӣ, вусъат ёфтани фассод ва ошубу низоъҳои байнитабақотиро ҳамчун маҳаки таҳқиқи худ қарор додааст.

Муаллифи рисола дар фасли сеюм – «Вазъи эътиқодии мардумони бумии минтақа қабл аз ворид шудани арабҳо» дар такя ба маълумоти сарчашмаҳои асримиёнагӣ ва натиҷаи таҳқиқоти як идда донишмандони Шарқу Ғарб намуна оварда, онро бо таҳлили қиёсӣ ва илмӣ муайяну мушаххас кардааст. Бо бардошт аз чунин натиҷагирӣ муҳаққиқ собит намудааст, ки ҷомеаи табақотии ифротӣ, фасоди идорӣ, адами адолат ва иттиҳоди миллӣ дар даврони ҳокимияти Сосониён, ки яке аз заминаҳои он ихтилофи мазҳабӣ мебошад, дар садаҳои оянда низ таъсири номатлуб дар ин сарзамин гузошт.

Боби сеюми диссертатсия «Сарчашмашиносӣ ва таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои озодихоҳонаи мардумӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр» ном дошта, шомили ду зербоб мебошад. Дар зербоби аввали он – «Раванди забткориҳои арабҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр ва инъикоси он дар сарчашмаҳои таърихӣ» дар бораи забткориҳои арабҳо, ҷангҳои сипоҳиёни араб бо Сосониён, набардҳои сарнавиштсози таърихӣ ва густариши ойини нав баҳс меравад. Дар робита ба ин довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси маълумоти сарчашмаҳои таърихии асримиёнагии тоҷику араб ва осори муҳаққиқони муосири ватаниву хориҷӣ натиҷагирӣ намуда, сабабҳо ва омилҳои асосии музаффариятҳои арабҳо ва истиқрори дини навро дар сарзамини Хуросону Мовароуннаҳр аз нигоҳи илмӣ-интиқодӣ арзёбӣ намудааст.

Мундариҷаи зербоби дуюм – «Муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардумони Хуросону Мовароуннаҳр бар зидди истилогарони араб» аз он шаҳодат медиҳад, ки раванду марҳилаҳои асосии муқовимати мардуми Хуросону Мовароуннаҳр ба муқобили истилогарони арабро бо санаду далелҳои эътимодбахши манобеи таърихӣ баррасӣ кардааст. Диссертант дар ин бахш

тавонистааст, ки хусусиятҳои хоси маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва нуктаи назари муаррихону муҳаққиқони ватаниву хориҷиро дар атрофи муборизаҳои истиқлолхоҳонаи тоҷикон ба муқобили истилогарони араб объективона ба риштаи таҳқиқ кашад.

«Паёмадҳои забткориҳои араб ва паҳншавии дини нав дар Хуросону Мовароуннаҳр ва инъикоси он дар сарчашмаҳои таърихӣ» – унвони боби чоруми диссертатсия маҳсуб ёфта, он аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввали он – «Инъикоси раванди исломикунонии Хуросону Мовароуннаҳр дар сарчашмаҳои таърихӣ» доир ба масъалаҳои гироиши аҳолии Хуросону Мовароуннаҳр ба ислом баҳс намуда, дар он маълумотҳои муфид пешкаш намудааст. Зербоби дуюми боби чорум – «Саҳми донишмандони минтақа дар рушду густариши илм ва фарҳанги давра» унвон дошта, муҳаққиқи рисола саҳми олимон ва донишмандони минтақаро дар кашфу густариши илмҳои табиӣ-риёзӣ, ҷомеашиносиву гуманитарӣ ва илмҳои динӣ барҷаста нишон додааст. Вай бо баҳрабардорӣ аз сарчашмаҳои дасти аввал ва осори илмии муҳаққиқони муосир таърихи ташаккул ва рушди илмҳои асрҳои VIII-X-ро бо асноди эътимодбахш исбот кардааст. Зербоби сеюми боби чорум «Нақш ва мақоми ҳанафия дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии Хуросону Мовароуннаҳр» ном дошта, дар он оид ба мазҳаби ҳанафии Нуъмон ибни Собит машҳур ба Абӯҳанифа маълумоти муфассал баён гардидааст. Муҳаққиқ дар барасии зербоби мазкур чунин хулосагирӣ намудааст, ки бо вуҷуди нуфузи ислом ва таъсири рӯзафзуни мазҳаби ҳанафия дар асрҳои IX-X дигар дину ойинҳо низ дар сурати дахолат накардан дар умури сиёсӣ ҳаққи фаъолияти озодона дошта, дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии Хуросону Мовароуннаҳр нақши муҳим бозиданд. Аммо нақши ҳанафия дар ҳифзу нигоҳдории фарҳанг, забон ва ҳувияти миллии тоҷикон хеле баланд нишон дода шудааст.

Хулосаи автореферати диссертатсия шомили 25 банд буда, дар ҳар як банд кӯшиш шудааст, ки муҳтавои асосии зербобҳои чор боби асосӣ дар шакли натиҷагириҳои зарурӣ инъикос гарданд.

Барои таҷдиди назар ва такмили баъзе ҷанбаҳои кори илмӣ-таҳқиқотӣ ба инобат гирифтани пешниҳодҳои зерин ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Шарҳи сарчашма ва адабиёти илмӣ ҳам дар муқаддимаи кор ва ҳам дар зербобҳои боби аввал ба роҳ монда шудааст, ки мазмуну мундариҷаи онҳо бо ҳам монанд мебошанд;

2. Диссертант дар баррасии боби дуюм ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиву бухронҳои шадиди динӣ дар ҷомеаи сосонӣ зиёд мароқ зоҳир намуда, аз баррасии масъалаи асосӣ каме дур рафтааст;

3. Дар баррасии зербоби дуюми боби сеюм вай ба масъалаи муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр ба муқобили истилогарони араб зиёд таваҷҷуҳ зоҳир намуда, нақши бумиёни Хуросону Мовароуннаҳрро дар муборизаҳои миллӣ-озодихоҳӣ аз будаш зиёд ба қалам додааст.

Қобили зикр аст, ки ин гуна эродҳо хусусияти ҷузъӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқотӣ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич дар мавзуи *«Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои* истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннахр дар асрҳои VIII-X» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

**Муқарриз:**

Профессори кафедраи илмҳои ҷомеашиносӣ
ва гуманитарии филиали Донишгоҳи давлатии
Москва ба номи М.В. Ломоносов дар ш. Душанбе
доктори илмҳои фалсафа, А.А.Шамолов
13 феврали соли 2024.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи И. Сомонӣ, кучаи Маҳмадулло Холов 101
Тел.: (+992) 200175858
E-mail: vohid_1958@mail. ru

Имзои А.А. Шамоловро тасдиқ мекунам:
Сардори ШСК ва КМ филиали ДДМ
ба номи М.В. Ломоносов дар ш. Душанбе С. Пирназаров

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кучаи Бохтар, 35/1.
Телефон: +992 907 711918
Email: sano06@list.ru
14 феврали соли 2024.